**Тақриз**

**ба автореферати Давлатова Моҳшариф Олимовна дар мавзуи «Типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ (дар асоси асари “Ҷейн Эйр”-и Ш.Бронте)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Имрӯзҳо таҳқиқоти муқоисавӣ дар забоншиносӣ ба муайян кардани шабоҳат ва фарқияти байни забонҳо аз нуқтаи назари истифодаи дурусти воҳидҳои забонӣ, диққати муҳаққиқони соҳаро ҷалб намуда, муайян кардани чунин вижагиҳо аҳаммияти илмию амалӣ дорад ва барои ба роҳ мондани тарҷумаи мукаммал заминаи боэътимод фароҳам меорад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Давлатова Моҳшариф Олимовна дар мавзуи «Типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ (дар асоси асари “Ҷейн Эйр”-и Ш.Бронте)» мубраму ҷолиби диққат буда, мавзуи таҳқиқ на танҳо аз хусусиятҳои монанд ва фарққунандаи бонизом, мунтазам ва устувори забон, балки, аз муқаррар кардани мутобиқатҳои байнизабонӣ иборат мебошад, ки бешубҳа барои тарҷума аҳаммияти зарурӣ дорад.

Мақсади таҳқиқ муайян намудани  номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ дар асоси тарҷумаи асари “Ҷен Эйр”-и Ш. Бронте иборат мебошад.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки бо вуҷуди таҳқиқоти анҷомёфта дар самти забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ, масъалаи муқаррар намудани типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ то ба имрӯз мавриди омӯзиши амиқ ва ҳамаҷониб қарор нагирифтааст. Дар кори мазкур на танҳо номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар забонҳои англисӣ, инчунин норасоиву камбудиҳо дар тарҷумаҳои русӣ ва тоҷикии асари “Ҷен Эйр” мавриди баррасӣ қарор гирифта, омилҳои пайдо шудан ва роҳҳои бартараф намудани онҳо нишон дода шудаанд.

Дар автореферати диссертатсия аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки мавод ва натиҷаҳои илмии он барои пажуҳиши минбаъдаи паҳлуҳои гуногуни соҳаҳои забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ мусоидат менамоянд.

Инчунин саҳми саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар диссертатсия типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ дар асоси тарҷумаи асари "Ҷен Эйр"- и Ш.Бронте мавриди таҳқиқи махсус қарор гирифта, дар он камбудиҳои тарҷумонӣ ҳангоми интиқоли воҳидҳои луғавии муодил ва бемуодил дар матнҳои бадеии забонҳои мавриди назар баррасӣ гардидааст.

Диссертант оид ба мавзуъ 6 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 3 мақола дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар маҷмуаҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ таҳия ва чоп намудааст.

Диссертатсия аз муқаддима се боб хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, боб ва зербобҳои таҳқиқот аз навгониҳои илмӣ, мантиқӣ ва методологӣ дар шаклди хуб корбаст гардидаанд, хулосаи он дар 18 банд натиҷагирӣ шудааст.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсия фарогири матни илмӣ бо забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ буда, мазмуну муҳтавои таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос кардааст.

Қобили зикр аст, ки диссертант Давлатова М. О. аз ӯҳдаи мустақилона гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ, таҳлили илмии натиҷаҳои ба даст омада ба хубӣ баромада, дар раванди гузаронидани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ таҷрибаи хуб нишон дода, ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Давлатова Моҳшариф Олимовна дар мавзуи «Типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ (дар асоси асари "Ҷейн Эйр"-и

Ш.Бронте)» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 ва тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор мебошад.


**Муқарриз:**
номзади илмҳои филологӣ,
муаллими калони кафедраи тарҷума ва
грамматикаи забони англисии МДТ- и
"ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" **Усмонова Рухшона Раҳматовна**

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, вилояти Суғд
маҳаллаи 19, хонаи 29, ҳуҷраи 7
**Тел.:** (+992) 929733237
**E-mail:** usmonova.rukhshona@mail.ru


**Имзои Усмонова Р.Р.-**ро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ- и "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" **Сайдуллозода З.С.**

РАЁСАТИ КАДРҲО КОРҲОИ МАХСУС


**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд
гузаргоҳи Мавлонбеков, 1
**Телефон:** (992-3422) 6-75-18
**E-mail:** rector@hgu.tj


10.05.2025